“Тасдиқ мекунам”
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии Донишгоҳи давлатии
Данғара, д.и.и. профессор
__________ Хайрзода Ш.Қ.
“ 02 ” 12 соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

***Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда:*** Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла банди 1- Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (асосҳои ҷаҳонбинии таҳқиқот; равишҳои таҳқиқотӣ ба рушди илми педагогӣ, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ; рушди соҳаи фаннии педагогика; илмшиносии педагогӣ; хусусияти робитаҳои байнифаннӣ дар таҳқиқоти педагогӣ; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим; асосноккунии методологии таҳқиқоти пешгӯикунанда; асосноккунии методологии таҳқиқоти дастҷамъона; сифати таҳқиқоти педагогӣ), банди 2 -Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта); таърихи этнопедагогика, рушди лексика ва истилоҳшиносӣ), банди 7- Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати навоварона (инноватсионӣ) дар таълим; фаъолияти таҷрибавӣ-

озмоишии муассисаҳои таълимӣ; тағйироти низомавӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла, моҳият, сохтор, вазифаҳои он; фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф, шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ), банди 8 - Педагогикаи муқоисавӣ (ҳолат, қонуният ва тамоюлҳои рушди назария ва амалияи педагогӣ, назария ва амалияи таълим дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон; таносуби тамоюлҳои умумии рушди таҳсилот, хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ, имкониятҳо, асосноккунӣ ва роҳу воситаҳои ғанисозии мутақобилаи низомҳои миллии таҳсилот тавассути истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, ошкорсозии таҷрибаи пешқадам дар соҳаи маориф) мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он:** Диссертацияи пешниҳодгардида ба мавзуи хеле муҳим ва замонавӣ бахшида шуда, равишҳои таҳлили педагогӣ ва муҳитҳои муосири таълимиро дар маркази таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Ин мавзуъ барои беҳтар намудани сифати таҳсилот ва баланд бардоштани нуфузи омӯзгорон аҳамияти калон дорад. Довталаб дар кори худ ба таҳқиқи шароитҳои педагогӣ машғул шуда, аз ҳамгироии илмию амалӣ истифода мебарад. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ва коркарди проблемаи таълимии мазкур дар чунин ҷанбаҳо зоҳир мегардад:

1. Ташаккули назарияи илмӣ ва методологии нав. Довталаб оид ба дар ташкили таҳқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳо ва инчунин аз муайян кардани асосҳои назариявӣ-методологӣ ва коркарди низоми педагогӣ ва маҷмуи шароити педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ, роҳбарӣ ба кори таҷрибавӣ - озмоишии он, коркарди низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон; таъмини ташкили илмӣ–методии фаъолгардонии фаъолияти

мустақилонаи хонандагон иборат аст. мафҳуми «босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ» мушаххассозӣ гардид, мо дараҷаи рушдёбандагии таҷрибаи корбуди самараноки маҳорату малакаҳои умумитаълимиро дар раванди фаъолияти таълими мустақилона гузоштану ҳалли масъалаҳоро мавриди таҳлил қарор додем.

2. Баҳодиҳии шароитҳои муосир ва тағйирёбанда. Муҳити муосири таҳсилот ба тағирёбии глобалии технологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дучор аст. Довталаб тавсияҳои конкретӣ дар бораи он ки, чӣ гуна омӯзгорон метавонанд дар ин шароитҳо рушди фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ташкил кунанд ва ба самаранокии таълим вобастагӣ дошта бошанд, пешниҳод мекунад. Ин ҷанба аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки дар шароити зудтағйирёбандаи муосир, фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсири махсус меросонад. Ба таври мустақилона, давталаб ин воҳиди таълимиро ба ҳамчун низоми динамикӣ таҳия мекунад.

3. Таҳияи тавсияҳои амалӣ. Яке аз саҳмҳои асосии илмии довталаб, таҳияи тавсияҳои амалӣ ва стратегияҳои таҳияи барнома барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Ин тавсияҳо дар бораи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон ва беҳтар намудани шароитҳои педагогӣ метавонанд ба самараи амалӣ дар барномаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат намоянд. Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти рӯзмарраи омӯзгорон истифода шаванд.

4. Арзёбии натиҷаҳои таҳқиқот. Довталаб оид ба натиҷаҳои озмоиши худ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ анҷом дода шудааст, таҳлилҳоро анҷом додааст. Ин таҳлилҳо дар бораи осонтар намудани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунанд. Натиҷаҳои озмоиш, ки дар бораи таъсири омилҳои гуногун (технологӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ) ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таҳқиқ шудаанд, дастрасии илмӣ-амалиро барои коркарди масъалаҳои илмӣ пешниҳод мекунанд.

5. Инноватсионӣ ва тағйирёбандагии раванд. Саҳми илмии довталаб дар коркарди проблемаи ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар муҳити муосири таълим, инчунин дар инноватсионӣ ва тағйирёбанда будани равишҳои нави таълимӣ зоҳир мегардад. Довталаб ба таҳияи моделҳои нави фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба тағйирёбии технологӣ ва иҷтимоӣ мувофиқат доранд, таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудааст. Ин кор ба фаҳмиши нави таълим ва фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон мусоидат мекунад.

6. Муносибати илмӣ ва амалӣ. Довталаб дар кори худ ба таҳияи муносибати байни илм ва амал, ки барои ҳалли проблемаҳои педагогӣ дар шароити муосир заруранд, таваҷҷӯҳ намудааст. Ин аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ин муносибатҳо метавонанд дар фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода шаванд. Бинобар ин, кори довталаб на танҳо дар самти назариявӣ, балки дар амалияи таҳсилот низ аҳамияти калон дорад.

Довталаб, Ализода Нусратулло Убайдулло дар диссертатсияи худ ба мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» бо роҳи таҳияи равишҳои нави методологӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ ва таҳияи моделҳои нави фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, саҳми илмии муҳим гузоштааст. Кори довталаб на танҳо ба такмили назарияҳои педагогӣ мусоидат мекунад,

балки дар раванди таҳсилот низ аҳамияти амалӣ дорад. Ин проблемаи илмӣ дар шароити муосир барои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад.

Илова бар ин, таҳлили илмию методологӣ барои дигар муҳаққиқон ва мутахассисон ҳамчун манбаи иттилоотӣ хидмат карда метавонанд. Таҳқиқоти мазкур барои рушди минбаъдаи илмӣ дар соҳаи педагогика ва инчунин барои такмили низомҳои таълимӣ заминаи мустаҳкам мегузорад. Дар шароити муосири глобализатсия ва талаботи рӯзафзун ба сифати таълим, натиҷаҳои ин таҳқиқот на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои дигар кишварҳо низ манфиатбахш буда метавонад.

Муаллиф дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда чунин масъалаҳоро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст:

1. Маҷмӯи шароити педагогӣ, ки сифатнокии фаъолият ва ташаккули амсиларо таъмин менамоянд. Шарти аввал маҷмӯи маводи таълимиеро, ки барои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин менамоянд. Шарти дуюм асосҳои назариявии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ, ки ақидаи аввалин, мақсад, вазифа, қонуният, принсипҳо, мазмун, технологияи амалӣ намудани ин равандро дар бар мегирад.

Шарти сеюми педагогӣ дар низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки фаъолияти таълимӣ мебошад, роҳи инноватсионии амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогии раванди таҳқиқшавандаро кушода медиҳад ва низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон шомил карда шудаанд, муқаррар месозад.

2. Чунин низоми педагогӣ, ки аз маҷмуи сохтории ба ҳам алоқаманд ва қисматҳои функсионалию ягонагии мустаҳкамии том иборат аст ва мақсаду вазифааш баланд бардоштани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон мебошад.

3. Дар маҷмуи шароити педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки дар ин раванд истифода намудани имкониятҳои инноватсионии муассисаи таълимӣ, идораи раванди таълиму тарбия талаб дорад низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон нигаронида шудааст.

1. ***Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст:*** Дар диссертатсияи Ализода Нусратулло Убайдулло масъалаи муҳими ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф тавонистааст як қатор натиҷаҳои мушаххаси илмиро ба даст орад. Мақсади таҳқиқот дар шакли мукаммал инъикоси аҳамияти тақвияти фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар фаъолияти касбӣ мебошад. Мақсад ба таҳкими ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ нигаронида шудааст, ки дар шароити тағйирёбии педагогӣ ва таъсири ҷомеа ба муассисаҳои таълимӣ бояд бештар равшан карда шавад. Вазифаҳои таҳқиқот ба тарзи рушдёбанда имконоти васеъ барои пайгирии амалҳоро фароҳам меоранд.

Навгонии таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муаллиф мафҳуми «шароитҳои педагогӣ»-ро дар робита ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои

таълимӣ мушаххас намуда, моҳияти онро дар муҳити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавзеҳ додааст. Ҳамчунин, муаллиф амсила ва технологияи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар асоси омилҳои мухталифи педагогӣ таҳия намудааст, ки ин барои баланд бардоштани сифати фаъолияти омӯзгорӣ мусоидат мекунад. Навгонии илмии таҳқиқот, ки дар муқаррароти пешниҳодшуда ифода ёфтааст, ба таври мушаххас аз ҷиҳатҳои зерин арзёбӣ мешавад:

1. Пояҳои назариявии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таҳия карда шуд, ки муҳтавои он дархосту тақозои муосирро ба раванди омӯзишу парвариш инъикос менамояд;
2. Сохти муҳтавоӣ ва сохти вазифавии педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш таҳия карда шуд;
3. Низоми педагогии таҳия кардашуда маҷмуи робитаҳои сохторӣ ва функсионалии қисматҳои муайянкунандаи ягонагии мустаҳкам, мукаммале мебошанд, ки барои расидан ба аҳдоф ва вазоифи баланд бардоштани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон равона карда шудааст;
4. Асоснок карда шудааст, ки натиҷанокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таълимӣ аз амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогӣ вобаста мебошад;
5. Омилҳое, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд, муайян ва ҳамзамон дар бораи онҳо маълумот дода шуд.

Дар маҷмӯъ, навгонии илмии таҳқиқот ба ҳалли масъалаи муҳими педагогӣ равона шуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар тайёр кардани омӯзгорон, такмили

ихтисоси онҳо ва дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода шаванд.

Аҳамияти илмии тадқиқот дар он аст, ки он ба назарияи педагогика оид ба масъалаҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон саҳм гузошта, заминаи назариявии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар шароити муосир ғанӣ мегардонад. Натиҷаҳои тадқиқот имкон медиҳанд, ки ҷараёни ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври самаранок ташкил карда шавад.

Аҳамияти амалии тадқиқот дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои онро дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин дар раванди тайёр намудани хонандагон истифода бурдан мумкин аст. Таҳияи муаллиф оид ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон метавонад барои омӯзгорон, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва кормандони соҳаи маориф ҳамчун дастурамал хизмат кунад. Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки муаллиф дар рафти таҳқиқот аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили таҳлили адабиёти илмӣ, мушоҳида, пурсишнома ва таҷрибаи педагогӣ истифода бурдааст, ки ин ба эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат кардааст. Муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ ва нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки кори илмии Ализода Нусратулло Убайдулло дар байни мутахассисони соҳаи маориф ва педагогика таваҷҷӯҳи зиёд пайдо кардааст.

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогика, адабиёт, психология, фалсафа ва олимони соҳаҳои дигар омӯхта шудааст, ки дар онҳо асосҳои назариявӣ ва педагогӣ-психологии ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи

хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар боби якум, ки «Асосҳои назариявии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» номгузорӣ намудааст, дар бораи асарҳои мутафаккирон ҳамчун сарчашмаи афкори педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлилҳо овардааст. Таҳлилҳои овардашуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, иқтибосҳову мисолҳои овардашуда ба мавзуъ мувофиқ мебошанд.

Дар зербоби аввали боби 1 «Заминаҳои таърихии масъалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи шахсият» муаллифи диссертатсия ба масъалаҳои зер таваҷҷӯҳ намудааст: таҳлили таърихии масъалаи таҳқиқот дар назария ва амалияи илми педагогӣ пешниҳод гардидааст. Мафҳумҳои асосие, ки дар таҳқиқоти мазкур ба кор бурда шудаанд, инчунин дидгоҳҳои олимони муосир доир ба масъала мавриди баррасӣ таҳқиқ шуда, фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар низоми таълими соҳавӣ муайян карда шудаанд.

Ба сифати масъалаи назаррас, ки рушди шахсиятро муайян месозад, фаъолиятеро шуморидан мумкин аст, ки ба ташаккули насли наврас ва ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад.

Моҳияти фаъолияти инсонӣ аз таҳаввули воқеият, ки дар он инсон қобил аст фаъолона ба олами атроф таъсир расонад, иборат аст.

-Мустақилият неруҳои ниҳонии таълимгирандагонро бармало сохта, онҳоро ба корҳои хеле бузургу калон ва муассиру муфид ҳидоят мекунад. Аз ин нуқтаи назар мустақилият додан ба шогирд ва ӯро дар ин роҳу ҷода ҳидоят кардан амали хеле бузург ва муфид барои худи таълимгиранда мебошад.

Дар зербоби дуюми боби 1 – «Моҳият, сохтор ва мундариҷаи ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаи хонандагон» муаллиф таърифи дақиқе, ки дар он таъкид меравад, ки дар солҳои 60-90-и асри XX диққати таҳқиқотчиён ба кушодани маълумоти фаъолияти мустақилона ҳамчун сохтори қисмати таълимие, ки барои рушди тафаккури мустақилона ёрӣ мерасонад, равона карда шуд, тавсиф ёфтааст. Таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои гуногуни ин мушкилот, яъне фаъолияти мустақилонаи шахсият имкон дод, ки якчанд марҳилаҳои рушди ин падидаро ошкор намоем. Таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои гуногуни ин мушкилот, яъне фаъолияти мустақилонаи шахсият имкон дод, ки якчанд марҳилаҳои рушди ин падидаро ошкор намудааст.

Давраи якум. Дар ин давра зарурати мустақилиятнокии шахсият дар фаҳмиши асоснок карда шудааст. Давраи дуюм. Ин давра шомили қарнҳои XVII ва XX буда бо ҷамъ шудани маводи эмпирикӣ тафовут пайдо мекунад. Давраи сеюм. Ин марҳила солҳои 1960-1980-ро фаро гирифта, нуқтаи назар нисбат ба фаъолияти мустақилонаи шахсият, ташаккул ва рушд меёбад.

Дар идомаи ин зербоб муаллиф масъалаҳои зеринро мавриди баррасӣ қарор додааст:

-пешниҳод ва асоснокии андешаҳо ҷиҳати омода намудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона;

-ақидаи рушд додани таълимгиранда ба воситаи мустақилиятнокӣ ва худфаъолиятӣ дар таълим.

- пешниҳодҳо доир ба роҳандозии таълим таҳия карда шудааст, ки дар асоси он таълимгирандагон ба таври мустақилона захира кардани донишҳоро ёд мегиранд;

-методҳои ҳавасмандкунӣ «худфаъолиятии фикрӣ» дар рафти таълим кор карда шудаанд;

-кӯшиши дар доираи фардикунонии таълим ва ғайраҳо ҳал намудани масъалаи фаъолияти мустақилона низ ба ҷо оварда шудааст.

- дарку фаҳми кори мустақилона ба ҳайси сифати печида ва мураккаби инсон;

- муайян кардани маълумоти моҳиятан муҳимми фаъолияти мустақилиятнокии ҳамчун қисмати сохтори таълим (омӯзиш);

- мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додани сохтори кори мустақилона:

- мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додани аспектҳои таълимии ин масъала бо такя ба фанҳои мухталифи таълимӣ ва амсоли инҳо.

Муаллиф дар зербоби мазкур тамоюлҳои муосир ва механизмҳои татбиқи фаъолияти мустақилонаи хонандагонро дар шароити рақамӣ дида баромада, маълум намудааст, ки масъалаи ФМХ дар давраи ҳозира, яъне марҳилаи чорум, зарурати таҳияи назарияи амалкунанда ва тавсияҳои амалиро бо дарназардошти дигаргуниҳои ҷамъиятӣ ва соҳаи омӯзишу парвариш тақозо менамояд. Дар ин ҷо ба тағйироти ҷаҳонӣ, аз ҷумла раванди иттилоотонӣ (глобализатсияи иттилоотӣ), ҳамчун як омили табиӣ ва ногузир ишора гардидааст. Ин тағйирот талаботи ҷомеаро ба шахсият дигаргун сохта, диққатро на танҳо ба омӯхтани донишҳо, рушди қобилияти эҷодӣ ва худмуайянкунӣ дониста, балки фаъолияти мустақилонаро масъалаи муҳим арзёбӣ мекунад. Инчунин, муаллиф таҳқиқи фаъолияти мустақилонаи хонандагонро дар шароити имрӯза тақозои онро дорад, ки ин масъала аз дидгоҳи интегратсияи фаъолиятнокӣ бо технологияҳои рақамӣ мавриди омӯзиш қарор гирад, то ин ки фарди мустақил, босалоҳият ва қобилиятнок тарбия карда шавад.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳқиқи «Ҷанбаҳои методии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни корҳои таълимӣ - тарбиявӣ» бахшида шуда, зербоби якуми боби

дуюм оид ба «Асосҳои методии ташкил намудани алоқамандии муносибатҳои муҳим нисбат ба сохтор ва давраҳои ташаккулёбии фаъолияти мустақилонаи хонандагон» масъалагузорӣ карда шудааст.

Таъкид мегардад, ки фанни педагогика ба тарзи муназзам барои роҳандозии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон аҳамияти махсус медиҳад. Омӯзиши нуқтаю назари гуногун дар бораи мафҳуми «фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон» нишон дод, ки таърифи ин мафҳум-маънои муайян кардани таносуби он паҳлуи муносибатҳои гуногуни шахсро дорад: муҳтавои он, ҳадафи он дар зиндагӣ,ояндаи ҳаёт аст. Ин боб на танҳо барои омӯзгорон, балки барои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва мутахассисони соҳаи таълим низ аҳамияти калон дорад, зеро он дар таҳияи стратегияи самараноки рушди касбии омӯзгорон ва беҳтар кардани муҳити таълимӣ кӯмак мерасонад.

Диссертант қайд менамояд, ки дар луғати педагогӣ дар бораи мустақилият чунин омадааст: «Яке аз хосиятҳои шахсият мебошад, якум маҷмуи воситаҳо: дониш, маҳорат ва малакае, ки шахсият дорои он аст; дуюм-муносибати шахсият дар раванди фаъолият, ба амалбарории натиҷаҳо ва шароитҳои онҳо, инчунин дар раванди фаъолият пайдо шудани алоқаҳо бо дигар одамон маълумот дода шудааст».

Дар зербоби 2-и боби дуюми диссертатсия «Роҳу усулҳои ташаккули марҳала ба марҳалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон» ном дошта, зимни баррасии он муайян гардидааст, ки натоиҷи кулли ҷараёнҳои педагогӣ, минҷумла фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон шомили авомили мухталиф мебошад. Муаллиф дар асоси таҳлили назариявӣ ва озмоишӣ омилҳои асосии, ки дар ин замина баррасӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ, талаботи болозикр ва таҷрибаи педагогии шахсӣ нишон медиҳад, ки чунин авомил мазмун ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсири мусбӣ мерасонанд:

-дар мазмуни машғулиятҳои таълимӣ инъикос намудани фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон;

-дар осори таълимӣ нишон додани дастовардҳои улуми ҳозира;

-нишон додани мизон ва дараҷаи амалии маводе, ки барои омӯзиш иroa гардидаанд;

-барои омӯхтан ва аз бар кардани маводи таълимӣ ҷудо намудани вақт;

-дараҷа ва мизони мушкилӣ ва мураккабии маводи таълимӣ ба дараҷа ва фаҳму дарки таълимгирандагон бояд мувофиқат дошта бошад;

- инъикоси равобити байнифанни дар маводе, ки барои таълим ва омӯзиш иroa гаштааст ва амсоли инҳо

Инчунин авомили аслии таъсиркунанда ба фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи насли ҷавон, инҳо мебошанд:

-дараҷаи омодагии умумии таълимгирандагон;

-имконот ва зарфияти хонандагон ба фаъолияти таълимӣ;

-хусусиятҳои хосси андешаи таълимгирандагон ва амсоли инҳо.

Омилҳое, ки ба кору фаъолияти омӯзгорон алоқамандӣ доранд:

-дараҷаи омодагии илмӣ-методии ин ё он омӯзгор;

-дараҷаи дониши назариявии омӯзгор аз рӯйи фанне, ки таълим медиҳад;

-тавоноӣ ва қудрати кори омӯзгор;

-маълумотномаи шахсияти омӯзгор ва амсоли инҳо

Дар боби сеюми диссертатсия – «Корҳои таҷрибавӣ – озмоиши доир ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди корҳои таълимӣ – тарбиявӣ ва натиҷаҳои ниҳоии онҳо» ном дошта, аз се зербоб таркиб ёфта, ба масоили коркарди сохтори низоми педагогӣ ва муайян намудани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон бахшида шудааст. Дар зербоби якуми боби сеюм «Низоми фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар

раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ» муаллиф дар ин боб баён кардааст, ки имрӯз таълим аз рӯйи эҳтиёҷ, амалан таҳлил карда, андӯхтани таҷрибаи нав тавассути устодони навҷӯ ва маводи омӯзиш, омӯхтани маълумоти наву саҳеҳ зарур ва амалан татбиқшаванда самарабахш аст. Дар зербоби аввали боби сеюм бо номи «Низоми фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ» номгузори шуда, диссертант қайд менамояд, ки омӯзиш тавассути танҳо гуфтану шунидан кифоя нест.

Аз ин ҷо, сохтори низоми педагогии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ нақши худро дорад. Бинобар ин, нишондоди муҳимми ҳақиқӣ будани низоми педагогии фаъолгардонии мустақилонаи фаъолияти таълимгирандагон инҳо маҳсуб меёбанд:

-мувофиқат ба дархосте, ки ба ҷараёни омӯзишу парвариш дар замони ҳозираи рушду тараққии ҷомеа тақозо мекунад;

-мувофиқат ба дараҷаи рушду тараққии илмӣ-педагогӣ;

-мувофиқати дархости ташкили сохторӣ-вазифавӣ ба талаботи умумиилмии назарияи амсиласозӣ. Муалиф дар асоси ин назария, ҷойи амсиласозӣ дар таҳқиқоти фаъолиятнокии мустақилонаи маърифатӣ муайян намудааст:

-омӯзиши падидаи таҳқиқот тавассути ҷамъоварии далоил;

-дар ҷараёни амсиласозӣ низоми педагогии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи таълимгирандагон ва омӯзиши ин низом, истифодаи натиҷаҳои ҳосил намуда, дар фаъолияти амалӣ, яъне ҷараёни ҳақиқии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи таълимгирандагон.

Дар зербоби дуюми боби сеюм бо «Меъёрҳо, нишондодҳо ва сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия»ном дошта диссертант қайд менамояд, ки дар рафти кори таҳқиқотӣ муайян кардани меъёрҳо, нишондодҳо ва сатҳи

фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаи таълимӣ-озмоишӣ шарти зарурист. Таҷриба нишон дод, ки муайян кардани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар таҷриба ширкат варзида, коркарди меъёрҳо ва нишондодҳои муайянро талаб менамояд. Муаллиф дар асоси қисматҳои фаъолгардонии мустақилонаи хонандагон се меъёри асосии ин сифати шахсияти хонандагонро ҷудо намудааст: мотиватсионӣ-иродавӣ, тезчанголӣ ва протсессуалӣ.

Дар зербоби сеюми боби сеюм «Саҳеҳгардонии педагогӣ ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон» номгузори шуда, муаллиф қайд менамояд, ки фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон самаранок бошад, зарурати пешниҳоди воситаҳои саҳеҳгардонии ҳамкории педагогие, ки таваҷҷуҳ ба амалӣ намудани ин раванд дорад, ба вуқуъ мепайвандад. Омӯзиш, таҳлил ва баҳои ҳақиқӣ ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилона, инчунинин итихоби воситаҳои саҳеҳгардонии ҳамкории педагогӣ, идорашавандагӣ ва натиҷанокии он имконият медиҳад. Ҷадвали ташхиси мизони фаъолгардонии фаъолияти мустақилона ва харитаи сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилона бобати воқеъбинона арзёбӣ кардани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон имконот фароҳам мекунад. Дар охири зербоб, муаллиф хулосаҳои худро дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот баён карда, пешниҳодҳо оид ба такмил додани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод намудааст.

Арзиши амалии таҳқиқот дар таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ ифода меёбад, ки ба маъмурият ва омӯзгорон имконияти ҳалли масъалаҳои муҳимро фароҳам меоранд. Тавсияҳои пешниҳодшуда барои ташаккули фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити муосири таълимӣ

мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти маъмурӣ, дар такмили ихтисоси омӯзгорон ва ҳам дар коркарди методологияи муосир метавон ба таври васеъ истифода намуд.

Дар фарҷом, бояд қайд кунем, ки диссертатсияи Ализода Нусратулло Убайдулло як кори илмии мукаммал буда, ба ҳалли масъалаи муҳими педагогӣ – фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити муосир равона гардидааст. Тадқиқоти мазкур дорои аҳамияти илмӣ ва амалии назаррас буда, барои рушди минбаъдаи назария ва амалияи педагогика мусоидат хоҳад кард.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Ализода Нусратулло Убайдулло ба дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Муаллиф метавонад самтҳои таҳқиқоти минбаъда оид ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод намояд, то фаҳмиш дар бораи ин мафҳумҳо амиқтар карда шаванд ва роҳҳои муассиртари баланди фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян кунанд;

2. Муаллифи диссертатсия метавонист дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти худ бо муқоисаи таҷрибаҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла дар муҳити дигар минтақаҳои Тоҷикистон, кишварҳои дигар ё

заминаҳои алтернативӣ таваҷҷӯҳ карда, моҳият ва сатҳу сифати кори худро ғанитар гардонад;

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки онҳо бояд ислоҳ карда шаванд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмӣ:** Диссертатсияи Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи « Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ализода Нусратулло Убайдулло дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара” Наботов Ю.Ш. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, ки 27.12.2025 доир шуда, дар он довталаби дараҷаи илмӣ Ализода Нусратулло Убайдулло иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология 14 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология аз 27.12.2025, №5).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
педагогика ва психологияи Донишгоҳи
давлатии Данғара, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент Ғафурова Д.Ҷ.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
и.в. дотсенти Донишгоҳи давлатии
Данғара, номзади илмҳои педагогӣ
и.в. дотсент Наботов Ю.Ш.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, муаллими калон Садирова Ҷ.Ш.

**Маълумот барои тамос:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 553 555765; +992907773610; E-mail: dddangara_2013@mail.ru, dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj

27.12.2025

Имзои Д.Ҷ. Ғафурова, Ю.Ш.Наботов, Ҷ.Ш. Садирова ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ "ДДД" ______________ Тоирзода С.Т.

«27» ___12___ соли 2025

ШУЪБАИ КАДРҲО
БАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА